# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» унвон дошта, ба таҳқиқи густардаи тасвири «боди сабо» дар ғазалиёти шоирони асри XIV, заминаҳои пайдоишу ташаккули ин тасвир ва муайян намудани арзиши адабию эстетикӣ ва маърифатию ҳунарии он бахшида шудааст. Дар диссертатсия сайри таърихии «боди сабо» аз ибтидои адабиёти форсии тоҷикӣ то асри XIV баррасӣ шуда, шеваи тасвири «боди сабо» дар ғазалиёти шоирони асри XIV ба таври монографӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик бо истифода аз луғату фарҳангҳо ва шарҳҳову рисолаҳои тадқиқотии гузаштаву муосир мафҳуми «боди сабо» равшан гардида, сайри таърихии тасвири он аз ибтидои адабиёти форсии тоҷикӣ то асри XIV мушаххас шуда, тасвири боди сабо дар ғазалиёти шоирони асри XIV мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Диссертант «боди сабо»-ро ба ҳайси маърифат ва тасвири бадеӣ дар ғазалиёти шоирони асри XIV таҳқиқ намуда, хусусиятҳои бадеӣ ва арзиши маърифатию эстетикии онро ба дурустӣ муайян кардааст. Илова бар ин, дар диссертатсия мафҳуми рамзии ирфонии *сабо* коркард шуда, усули корбурд ва вазифаву мушаххасоти он дар ашъори шоирони орифи ин аҳд бо шавоҳиди шеърӣ собит шудааст. Таъйини ҳунари шоирӣ ва завқу салиқаи зебошинохтии шоирон ҳангоми

аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натичагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон чавобгӯ аст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» кори таҳқиқии анчомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон чавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV » барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар чаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

корбурди мафҳуми «сабо» аз бозёфтҳои муҳимми диссертатсия ба шумор меравад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои илмию пажӯҳишии диссертантро метавон ҳангоми навиштани таърихи адабиёт, алалхусус адабиёти асри XIV, китобҳои дарсӣ, курсу семинарҳои ихтисос доир ба ташаккулу таҳаввули ғазал, тасвирҳои шоиронаву образҳои шеърӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ истифода намуд. Ҳамчунин, дастовардҳои диссертатсия ҳангоми омӯзиши таҳаввулу такомули ғазали форсии тоҷикӣ дар садаи XIV, таҳқиқи ашъори шоирони ин даврон метавонад муфид бошад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 , таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмии анҷомёфта буда, дорои мазмун ва сохтори ягонаи илмию таҳқиқотист. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои диссертант дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз

- **Маҳсудов Бадриддин –** **доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

- **Турсунов Ғолиб Абдусобирович -** **номзади илми филология, мудири кафедраи филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** пешниҳод мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Саидҷаъфаров О.Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Худойдодов А. О.

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Казакова У. С.

«_8_» феврали соли 2023